## “ЛОИҲАКАШИИ МУВАФФАҚИЯТ ВА ИДОРАИ ЭҶОДКОРОНАИ ВАҚТ”



Барномаи тарбияи зеҳнӣ, эҷодӣ ва рақобатпазирии донишҷӯ дар раванди фаъолияти маҳфилҳои илмӣ – маърифатӣ ва маърифатию эҷодии омӯзгорони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамчун ифодагари кори кураторӣ таҳти мароми **“Лоиҳакашии муваффақият ва идораи эҷодкоронаи вақт”**

***Зимни татбиқи ғояи мазкур пешниҳод карда мешавад, ки ҳар як донишҷӯ дар доираи фаъолияти маҳфилҳо ва кори кураторӣ:***

**1.** Модели имконпазири ба ҷои кор таъмин гардидани худро ҳамчун модели виртуалӣ месозад ва муайян менамояд, ки ҳамчун хатмкунанда кадом вазифаҳоро дар бозори меҳнат метавонад ишғол намояд.

**2.** Дар асоси худтаҳлилнамоӣ ва худбаҳогузорӣ модели худтакмилдиҳии касбии рақобатпазирии донишҷӯ дар бозори озоди меҳнат дар раванди татбиқи барномаи **“Лоиҳакашии муваффақият ва идораи эҷодкоронаи вақт”** таҳия намуда, дар он чунин масъалаҳоро мадди назар мегирад:

- ***Дастовардҳои муҳими зеҳнӣ, эҷодӣ ва касбӣ то давраи таҳияи модел;***
- ***Мақсадҳои муҳиме, ки таи 3,6 ва 9 моҳи дигар барои худ мегузорад ва барои расидан ба ин ҳадафҳо нақшаи фардиро тартиб медиҳад (барои мисол донистани забонҳои русӣ, англисӣ, хитоӣ, кор дар барномаҳои компютерӣ, донистани барномаи 1 С муҳосибот ва ғ.)***

**3.** Барои худ муайян менамояд, ки кадом мақсадҳоро дар мадди аввал гузорад ва дар кутоҳтарин муддат ба он муваффақ шавад.

**4.** Мавқеи худро оиди иштирок дар озмунҳои беҳтарин лоиҳаи инноватсионӣ, эҷодӣ ва ихтироъкорӣ муайян менамояд.

**5.** Мавқеи худро оиди иштирок дар озмунҳои “Клуби ҳозирҷавобон”, “Чӣ, кай ва дар куҷо”, “Доништоб”, Шоҳмотбозӣ ва ғ. муайян менамояд ва барои расидан ба муваффақият кушиш ба харҷ медиҳад.

**6.** Барои гирифтани холҳои иловагӣ дар чемпонати “Тез, зебо ва бехатонависӣ” иштирок намояд.

**7.** Барои гирифтани холҳои иловагӣ дар чемпионати “Тез ва бехато тарҷумакунӣ” иштирок намояд.